# 5.2.[08 00 00]ИҚТИСОДИЁТ
# 5.2.[08 00 00]ЭКОНОМИКА
# 5.2.[08 00 00]ECONOMICS

## 5.2.1.[08 00 01] НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ
## 5.2.1.[08 00 01] ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ТЕОРИЯ
## 5.2.1.[08 00 01] ECONOMICAL THEORY

*ТДУ 332*

## *ТАФРИҚА ДАР ТАРАҚҚИЁТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МЕХАНИЗМИ КОҲИШИ ОН*

***Батуров Хуршедхон Дадоджанович,*** *н.и.и, дот. кафедраи иқтисоди ҷаҳонии факултети бизнес ва иқтисодиети байналмилалии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## *ДИФФЕРЕНЦИАЦИЯ В СОЦИАЛЬНО- ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ РЕГИОНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И МЕХАНИЗМ ЕЕ СНИЖЕНИЯ*

***Батуров Хуршедхон Дадоджанович,*** *к.э.н., доцент кафедры мировой экономики факультета бизнеса и международной экономики ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

## *DIFFERENTIATION IN SOCIO, ECONOMIC DEVELOPMENT OF EGIONS OF REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND MECHANISM OF ITS REDUCTION*

***Baturov Khurshedkhon Dadodjanovich,*** *Cand. of Economical Sciences, Ass. Prof.of the Department of World Economy, Daculty of Business and International Economy, TSULBP (Tajikistan, Khujand),* ***E-mail:*** *hurshed-68@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *минтақа, иқтисоди минтақа, мониторинги рушди минтақаҳо, тафриқа, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, саноат*

*Дар мақола муаммоҳои тафриқабандӣ дар тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат баррасӣ шудааст. Дар асоси нишондиҳандаҳои алоҳида сатҳи тараққиёти минақаҳои калони мамлакат инъикос ва сабабҳои фарқи сатҳи рушди минтақаҳо ошкор карда шудааст. Зарурати мониторинги сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар ва таҳияи Консепсияи рушди минтақаҳои кишвар асоснок карда шудааст.*

***Ключевые слова:*** *регион, региональная экономика, мониторинг регионального развития, дифференциация, социально-экономическое развитие, промышленность*

*В статье рассмотрена проблема дифференциации в социально-экономическом развитии страны. На основе отдельных показателей отражен уровень развития крупных регионов страны, выявлены причины различий в уровне развития регионов. Обоснована необходимость в мониторинге уровня социально-экономического развития регионов страны и разработке Концепции развития регионов страны.*

***Key words:*** *region, regional economy, monitoring of regional development, differentiation, socio-economic development, industry*

*The article attempts to raise the problem of differentiation in the socio-economic development of the country. Based on individual indicators to reflect the level of development of large regions of the country, to identify the causes of differences in the level of development of regions. The need for monitoring the level of socio-economic development of the country's regions and the development of the Concept for the development of the country's regions is substantiated.*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ доир ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо нобаробарӣ ба назар мерасад, ки сабаби он пеш аз ҳама, паст шудани нақши танзими давлат ва имкониятҳои мухталифи рушди иқтисодиёт, аз ҷумла дар минтақаҳо ҷорӣ намудани унсурҳои иқтисоди бозоргонӣ, номукаммалӣ ва тафовути сохтори соҳавии иқтисодиёти минтақа ва ғайра, мебошад. Муҳиммияти ин масъала дар як қатор кори илмию таҳқиқотии олимони ватанӣ таҳлил гардидааст. Олимони соҳа Ф.М. Муъминова ва Л.Х. Саидмуродов қайд мекунанд, ки омӯзиши мушкилоти иқтисоди минтақа тавассути истифодаи низоми бисёрфунксионалӣ ва бисёрҷанба миқдори зиёди арзёбиҳо ва тамоюлҳоро дар бар гирифта, фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллиро муайян мекунад [6,с.23]. М.Т.Каримова ва У. Воҳидзода зикр мекунанд, ки муаммои коҳиши нобаробарии минтақавӣ бояд як ҷузъи муҳимми амсилаи иқтисодии таъмини амнияти иқтисодии кишвар бошад, зеро ин имкон медиҳад, то дахлнопазирии сарҳади мавҷудаи давлатӣ ва кафолати амнияти кишвар аз таҳдидҳои гуногуни

дохилӣ ва хориҷӣ таъмин карда шавад [1,с.4]. Аҳаммияти пайгирии нобаробарӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ ба зарурати арзёбии ин падида ва сабабҳое, ки боиси он шудаанд, вобаста аст. Тавре ки маълум аст, рушди иқтисод дар ҳар як минтақа аз захираҳои мавҷудаи он - табиӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, ҷуғрофӣ, таърихӣ, идоракунӣ, кадрӣ, инфрасохторӣ ва ғайра вобаста аст. Вобаста ба хусусиятҳои сифатӣ ва миқдорӣ дараҷаи иштироку таъсири мутақобилаи онҳо бо ҳамдигар ва нобаробарии мавҷудияти захираҳо боиси номутаносибии минтақавии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ мегардад. Методология ва усули арзёбии тафриқаи минтақавӣ муфассалтар дар асари коршинос М.Т. Каримова бо номи «Сиёсати минтақавӣ: муаммоҳо ва дурнамо» [2, с.32-46] мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар Тоҷикистон ба омӯзиши омили минтақавии рушди иқтисоди кишвар, аз ҷумлаи омилҳои муҳимме, ки ба суръати хеле пасти гузариши кишвар ба муносибатҳои бозорӣ, ба рафти дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъсири назаррас дорад, таваҷҷуҳи кофӣ дода намешавад. Вобаста ба ин, бо мақсади коҳиш додани тафовути минтақавӣ зарурати асоснок кардани самтҳои аз ҷиҳати минтақавӣ тафриқашудаи сиёсати давлатӣ дар асоси таҳлили пурратари сохтории вазъи иҷтимоию иқтисодии ҳар як минтақа, ки ба раванди рушди устувори иқтисодии кишвар халал мерасонад, ба миён меояд. Иқтисодиёти сохторҳои бузурги маъмуриву ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, ба монанди мавҷудияти минералҳо, иқтидори табиӣ, иқлимӣ, захиравӣ, мавқеи умумии ҷуғрофӣ, дараҷаи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, хусусиятҳои демографӣ, вазъи кунунии раванди муҳоҷират (байни минтақаҳо ва берунӣ) ва ғайра ба таври назаррас фарқ мекунад. Дар натиҷа сифати ҳаёт дар минтақаҳои ҷумҳурӣ гуногун буда,ислоҳоти иқтисодие, ки дар ҷумҳурӣ татбиқ карда мешавад, қисман ба пурзӯр намудани тағйироти сохтории иқтисоди миллӣ аз ҷиҳати тақвияти тафриқаи минтақавӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин, омилҳои якҷоя (ҳам объективӣ ва ҳам субъективӣ) ба дараҷаи тараққиёти иқтисодиёти вилоят ва самараи ислоҳоти иқтисодие, ки ба амал бароварда мешавад, таъсири нобаробар мерасонад.

Дар натиҷа, дар тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои мамлакат номутаносибӣ афзуда, дар роҳи дигаргунсозии самарабахши хоҷагии халқ ва ноил шудан ба тараққиёти мутаносиби он монеаи ҷиддӣ эҷод мегардад. Маҳдудияти иқтидори мақомоти маҳаллӣ дар ҳалли мушкилоти мавҷуда ва идоракунии минтақа, инчунин механизми суст инкишофёфтаи идоракунии рушди минтақавӣ ва ҳамкории мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ бо мақомоти давлатӣ барои тақвияти асимметрияи минтақавӣ низ аҳаммият дорад. Ин ҳолат дар набудани манбаъҳои даромади худӣ, нокифоя будани захираҳои молиявӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ, номукаммалии қонунгузорӣ оид ба танзими давлатии рушди минтақаҳо ва рушди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дар соҳаи иқтисодиёт маҳдуд будани ваколатҳои мақомоти маҳаллӣ, паст будани қобилияти аҳолии маҳаллӣ ва ғайра ифода меёбад. Масалан, таҳлили маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (ММД) дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар вилояти Хатлон 1/3 ҳиссаи аҳолии ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ММД бошад, ба ҳар сари аҳолӣ 6,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки соли 2020 дар ҷумҳурӣ маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ 7,8 ҳазор сомониро ташкил медод (Ҷадвали 1).Соли 2020 дар пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе 9,3 фоизи аҳолӣ умр ба сар мебурд ва ба ҳар нафар 17,7 ҳазор сомонӣ ММД рост меомад, дар ҳоле ки ин нишондиҳанда ба ҳисоби миёна дар Тоҷикистон 8,5 ҳазор сомониро ташкил мекард. Дар соли 2012 доираи тағйирёбӣ аз рӯи ММД ба ҳар сари аҳолӣ 1,73, дар соли 2020 бошад 1,54-ро ташкил дод, ки аз пастравии устувори ин нишондиҳанда шаҳодат медиҳад.

***Ҷадвали №1. Сохтори МММ ва аҳолии Тоҷикистон, % [7, с.335]***

| Минтақа | 2016 | | 2018 | | 2020 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | МММ | Шумораи аҳолӣ | МММ | Шумораи аҳолӣ | МММ | Шумораи аҳолӣ |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Душанбе | 24,92 | 9,44 | 22,50 | 9,27 | 21,08 | 9,27 |
| Шаҳрҳо ва минтақаҳои тобеи ҷумҳурӣ | 16,24 | 23,01 | 18,04 | 23,23 | 18,32 | 23,31 |
| Вилояти Суғд | 28,24 | 29,40 | 29,89 | 29,89 | 29,27 | 29,27 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Вилояти Хатлон | 28,84 | 35,58 | 27,88 | 35,88 | 29,89 | 36,03 |
| ВАБК | 1,77 | 2,57 | 1,69 | 2,49 | 1,44 | 2,43 |

Аз маълумоти мазкур бармеояд, ки Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҷиҳати рушди иҷтимоию иқтисодӣ арзиши пасттарин дорад. Дар он ҷо маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2020 нисбат ба сатҳи миёнаи ҷумҳурӣ 1,9 маротиба камтар буд. Дар соли 2020 коэффисиенти қутбнокшавӣ аз рӯи ММД ба ҳар сари аҳолӣ 3,84 фоиз буд, дар ҳоле ки соли 2012 ин нишондиҳанда 4,23 фоизро ташкил карда буд. Агар коэффисиенти қутбнокшавиро аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли ММД ба назар гирем, пас арзиши он дар соли 2020 ба 18,21фоиз ва нисбат ба соли 2012 20,73 фоизро ташкил дод. Ин нишондиҳандаҳо аз фарқи ҷиддии рушди ҳудуди кишвар шаҳодат медиҳанд.

Агар минтақаҳоро аз ҷиҳати дараҷаи тараққиёти истеҳсолоти саноатӣ муқоиса кунем, якчанд масъалаҳо ба назар мерасанд. Масалан, вилояти Суғд минтақаи саноатии кишвар буда, дар он 39,43 фоизи шумораи умумии коргарони саноатӣ ва истеҳсолӣ (ШҲШ) кор мекунанд. Дар ин ҷо зиёда аз 30,4 фоизи корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ фаъолият дошта, бештар аз 50,4 фоизи маҳсулоти саноатиро истеҳсол мекунанд. Аммо шароити тараққиёти саноат ва намудҳои фаъолияти иқтисодии ҳар як минтақаи мамлакат гуногун аст. Дар маҷмуъ, дар вилояти Хатлон, ноҳияҳои тобеи марказ ва ВМКБ соҳаи кишоварзӣ, сохтмон ва хизматрасонӣ хеле рушд кардааст. Сохтори саноат аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ аз рӯи минтақа фарқ мекунад, ки бо омилҳои объективӣ ва субъективӣ алоқаманд аст. Дар баробари ин, ҳар як минтақаи ҳудудӣ-маъмурии мамлакат сохти саноатии худро дорост.

Саҳми саноати вилояти Хатлон, ВМКБ ва НТҶ дар сохтори ММД-и ин минтақаҳо тамоюли пастшавии устувор дорад. Ҳамин тариқ, барои солҳои 2010-2020 вазни қиёсии саноат дар сохтори ММД, умуман дар ҷумҳурӣ 4,8 банди фоизӣ зиёд шудааст.Аз ин миён вилояти Суғд истисноست,ки дар он ин нишондиҳанда 35,1-ро ташкил кардааст. Дар вилояти Хатлон ҳиссаи саноат дар сохтори ММД 12,3 банди фоизӣ, дар ВМКБ 0,5 банди фоизӣ, дар Душанбе 0,9 банди фоизӣ ва дар ноҳияҳои тобеи марказ 11,8 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст[4, с.18].

Дигаргуниҳои сохтории саноат на дар натиҷаи ислоҳоти пай дар пай ва тараққиёти минтақаҳо, балки дар натиҷаи таъсири нархҳои ҷаҳонӣ ва дар натиҷаи динамикаи савдои берунӣ ба амал меояд. Дар баробари ин, муомилоти мол, инчунин тайёр набудани минтақаҳои мамлакат ба ҷорӣ намудани усулҳои навоварона дар тараққиёти саноат ва, умуман, иқтисодиёти вилоят муаммоҳои гуногунро эҷод мекунад.

Дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ аз ҷиҳати ҳаҷми маҳсулоти саноат ба ҳар сар аҳолӣ фарқи калон мавҷуд аст. Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар минтақаҳои калони ҳудудию маъмурии кишвар хеле фарқ мекунад ва бо ҳисоби миёнаи ҷумҳуриявӣ дар соли 2020 дар шаҳри Душанбе 97,9 фоизро ташкил дод. Ин нишондиҳанда дар шаҳру минтақаҳои тобеи ҷумҳурӣ — 45,7 фоиз, дар вилояти Суғд -174,1фоиз, дар вилояти Хатлон – 80,9 фоиз, дар ВМКБ — 30,4 фоиз буд. Зимнан, дар соли 2020 арзиши назарраси маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар вилояти Суғд 565,7 сомонӣ ва аз ҳама камтар дар ВМКБ 98,9 сомонӣ ба мушоҳида расид.

Афзоиши бештари ММД-ро аз ҳисоби рушди саноат дар солҳои 2015-2020 вилояти Суғд таъмин карда аст. Барои амалӣ намудани рушди саноат Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025 қабул шуд, ки дар он ба ҷанбаи минтақавии рушди саноат низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардидааст.

Таҳлили тамоюлҳои тафриқаи минтақавӣ, муайян намудани афзалиятҳои мушаххас, таҳияи механизм ва воситаҳои пешбурди сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ муҳим аст, зеро он метавонад ба принсипи муносибати тафриқавии татбиқи тадбирҳои кӯмаки давлатӣ ба минтақаҳои ҷумҳурӣ асос ёбад. Дар айни замон, татбиқи принсипҳои мақсаднокӣ ба назар гирифтани хусусиятҳои маҳаллӣ ва мувозинатро ба асос кам кардани тафриқаи минтақавӣ дар назар дорад. Самаранокии сиёсати пешгирифта бошад, аз интихоб ва асосноккунии мақсаду вазифаҳои асосӣ вобаста аст, ки дар асоси он самти рушди минтақа интихоб карда мешавад.

Дар рушди минтақавӣ барои коҳиш додани номутаносибӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии инвеститсионӣ, ки ба таъсиси корхонаҳои нав дар соҳаҳои гуногуни фаъолият нигаронида шудаанд, муҳим арзёбӣ мегардад, зеро ҷойҳои кории таъсисдодашуда ба рушди соҳаҳои гуногуни фаъолият мусоидат мекунад, аҳолӣ бо кор таъмин мегардад, дар натиҷа сатҳу сифати зиндагонии мардум беҳтар мешавад.

Азбаски ҳиссаи аҳолии деҳот дар Ҷумҳурӣ назаррас аст, дастгирии рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ, лоиҳаҳои сармоягузорие, ки ба рушди кластерҳои агросаноатӣ нигаронида шудаанд, сохторҳои соҳибкорӣ бо роҳи андозбандии имтиёзнок хеле муҳим аст. Инчунин, дар ин самт васеъ намудани соҳаҳои мавҷудаи саноат, баланд шудани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ ва пурра гардидани қисми даромади буҷети маҳаллӣ таъмин карда мешавад.

Таъмини пӯёии дигаргуниҳои ҳудудии иқтисодиёт ба такмил додани тақсимоти ҳудудии меҳнат бо назардошти махсусгардонии оқилонаи минтақаҳо нигаронида шудааст. Фароҳам овардани шароит барои рушди рақобати солим дар асоси омезиши мутақобилан судманди истеҳсолоти давлатӣ ва соҳибкории хусусӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва шарикии давлат ва ба мақсад мувофиқ пайвастани манфиатҳои ҳудудии бахши хусусӣ ва давлатӣ (умумидавлатӣ) ба шароити беҳтари зисти аҳолӣ мусоидат мекунад[3, с. 66].

Дигаргунсозии системаи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурӣ бе ташаккул ва татбиқи идоракунии стратегӣ, ки вазифаи муҳимтарини он банақшагирии стратегӣ дар ҳамаи самтҳо мебошад, имконнопазир аст. Объекти банақшагирии стратегии минтақавӣ бо назардошти иқтидор ва муҳити институтсионалӣ бояд рушди устувори иҷтимоию иқтисодии низоми минтақавӣ бошад.

Барномаҳои миёнамӯҳлат, барномаҳои мақсадноки минтақавӣ, нақшаҳои ҳудудӣ, банақшагирии ноҳияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди шаҳрҳо ва ноҳияҳои маъмурӣ бояд аз Консепсияи рушди ҳудуд бароянд. Мо бояд дар бораи тадриҷан ва зина ба зина дар ҳудуди минтақаҳои маъмурӣ ташаккул додани низоми ҳамгироӣ ва бисёрзинагии банақшагирии стратегӣ, ки дар асоси равишҳои ягонаи методологӣ сохта шудааст, сухан ронем. Консепсия бояд ба муҳайё кардани иқлими мусоиди иқтисодию иҷтимоӣ ва бозсозии заминаи иқтисодӣ нигаронида шуда, барои баланд бардоштани дараҷаи шуғл ва таъминоти иҷтимоӣ, муттаҳид намудани кори мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ, ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои манфиатдор, инкишоф додани фаъолияти соҳибкорӣ ва худмашғулияти шаҳрвандон равона карда шавад.

Асимметрияи минтақавӣ мушкилоти муҳимми иқтисоди минтақа буда, боиси паст шудани суръати афзоиши ҳам МММ ва ҳам ММД дар тамоми кишвар мешавад. Ба ақидаи олимони рус, нархи тафовути аз ҳад зиёди иқтисодии минтақаҳо боиси то 3% аз даст додани ММД дар як сол мегардад. Дар робита ба ин, рушди мутаносиби минтақаҳо, ба ақидаи олимони коршинос У.Воҳидзода ва М.Т.Каримова, бояд як меъёри стратегии идоракунии босамари рушди иқтисодиёти минтақа, таъмини дастрасии баробари минтақаҳо ва аҳолии Ҷумҳурӣ арзёбӣ шавад ва дар ин асос мамлакат ба манбаъҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ноил мегардад[5, с. 35].

Вобаста ба ин, Консепсияи рушди минтақаҳои Ҷумҳурӣ бояд бо назардошти якчанд принсипҳо таҳия карда шаванд, зеро ин масъала ба дастгирии рушди иқтидори институтсионалии минтақа нигаронида шуда, бояд дастрасии минтақаҳо ба захираҳои молиявӣ, манбаъҳои рушди иқтисодӣ ва зиёд намудани хуқуқу вазифаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи рушди мутаносиби минтақаи кишвар таъмин карда шаванд. Дар ин самт коҳиш додани нобаробарӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, афзоиши имкониятҳои иқтисодии минтақаҳо тавассути эҷоди лоиҳаҳо, барои истифодаи муштараки афзалиятҳои рақобатнокии ҳар як минтақаи кишвар, вусъат додани ҳамкории субъектҳои хоҷагидорӣ, танзими мақсадноки рушд дар доираи таъмини истифодаи самараноки маблағгузории буҷети давлатӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Дар байни воситаҳои муҳимми сатҳи давлатӣ, ки иҷрои вазифаҳои ба миён гузошташударо таъмин мекунанд, ҳалли чунин масъалаҳои мушаххас лозим аст:

- маъмурию идоракунӣ (аз ҷумла, ба ҳудуди муайян ҳамчун минтақаи захиравии дорои аҳамияти умумидавлатӣ мақоми махсус додан ва аз шабакаи анъанавии сохтори маъмурию ҳудудӣ ҷудо кардани онҳо);
- ҷилавгирӣ аз бунёди иншооти нав дар маҳалҳои серодам;
- тақсимоти фазоии фаъолияти иқтисодии кишвар (аз ҷумла, бо роҳи рушд ва ҷойгиркунии иншоот бо мақсади таъсиррасонӣ ба бозори меҳнат дар минтақа, инчунин ташкили хариди давлатӣ);
- тариқи молиявӣ ва бо роҳи ҳавасмандгардонӣ таъсис ва рушди корхонаҳо (дар шакли грантҳо, субвенсияҳо, қарзҳо, ҳавасмандгардонии андоз, молиявӣ ва ғ.);
- ба истилоҳ тадбирҳои нарм барои ҳавасмандгардонии рушди минтақавӣ (ташкили муҳити мусоиди соҳибкорӣ, дастгирии шабакаҳои иттилоотӣ, фаъолияти машваратӣ, маориф, тадқиқоти илмӣ ва коркардҳои техникӣ).

Ҳамин тариқ, паст кардани дараҷаи тафриқаи минтақавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳолталаб боқӣ монда,таҳияи механизм ва воситаҳои сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақавиро талаб мекунад. Дар ин радиф таҳияи Консепсияи рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ самаранок арзёбӣ мешавад.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Каримова, М.Т. Дифференциация регионов Таджикистана по уровню их социально-экономического развития/М.Т.Каримова,У.С.Вохидзода//Россия в XXI веке: глобальные вызовы и перспективы развития: Пленарные доклады / Материалы VIII Международного форума, Москва, 24–25 октября 2019 года / Под редакцией В.А. Цветкова, К.Х. Зоидова. – Москва: Федеральное государственное бюджетное учреждение науки Институт проблем рынка Российской академии наук, 2019. – с. 66-76.
2. Каримова, М. Т. Региональная политика: проблемы и перспективы в Таджикистане/М.Т.Каримова.- Душанбе: Ирфон. 2014. -204с.
3. Каримова, М. Т. Региональные аспекты структурной трансформации национальной экономики: теория, методология, практика : автореф. дис. … д-ра экон. наук/М.Т.Каримова. - Душанбе, 2016. - 46 с.
4. Промышленность Республики Таджикистан: статистический сборник/М.Т.Каримова.- Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2021. - 90с.
5. Регионы Республики Таджикистан: статистический сборник. - Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2021. - 332с.
6. Саидмурадов, Л. Х. Регионы Республики Таджикистан (теория и методология оценки)/Л.Х.Саидмурадов, Ф.М.Муминова, Р.М.Мирбобоев.-Душанбе: Ирфон, 2012. - 150 с.
7. Таджикистан: 30 лет государственной независимости: статистический сборник. - Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2021.-700с.

**REFERENCES:**

1. Karimova, M.T. Differentiation of regions of Tajikistan according to the level of their socio-economic development / M. T. Karimova, U. S. Vokhidzoda // Russia in the 21st century: global challenges and development prospects: Plenary reports / Materials of the VIII International Forum, Moscow, October 24–25, 2019 of the year / Edited by V.A. Tsvetkova, K.Kh. Zoidova. – Moscow: Federal State Budgetary Institution of Science Institute of Market Problems of the Russian Academy of Sciences, 2019. P.66-76.
2. Karimova, M. T. Regional policy: problems and prospects in Tajikistan. - Dushanbe: Irfon. 2014. 204 p.
3. Karimova M. T. Regional aspects of the structural transformation of the national economy: theory, methodology, practice: abstract. dis. ... Doctor of Economics Sci. - Dushanbe, 2016. 46 p.
4. Industry of the Republic of Tajikistan: statistical collection. - Dushanbe: Agency for Statistics under the President of the Republic of Tajikistan, 2021. 90 p.
5. Regions of the Republic of Tajikistan: statistical collection. - Dushanbe: Agency for Statistics under the President of the Republic of Tajikistan, 2021. 332 p.
6. Saidmuradov, L. Kh., Muminova F. M., Mirboboev R. M. Regions of the Republic of Tajikistan (theory and methodology of assessment). - Dushanbe: Irfon, 2012. 150 p.
7. Tajikistan: 30 years of state independence: statistical collection. - Dushanbe: Agency for Statistics under the President of the Republic of Tajikistan, 2021.-700p.